**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ________________________

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.10.2025, протоколи №33 барои сазовор донистани Аламова Хатичамо Туйбошиевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.**

Диссертатсияи Аламова Хатичамо Туйбошиевна дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - комуникатсионӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 - Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика)) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024, таҳти №135/шд) 9- уми августи соли 2025 суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Аламова Хатичамо Туйбошиевна 15- уми марти соли 1977 дар деҳаи Хоҷа Исҳоқи шаҳри Кӯлоб таваллуд шудааст. Соли 2005 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси физика хатм кардааст.

Аламова Хатичамо Туйбошиевна аз соли 2015 унвонҷӯйи кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ буда, айни ҳол дар вазифаи омӯзгори кафедраи мазкури донишгоҳи номбурда фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Мирзоев Абдулазиз Раҷабович-** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Ойматова Ҳоҷармо Холмуродовна** – доктори илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба номи Носири Хусрав ва **Истамов Фарҳод Хоҷамқулович** - номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Хулосаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Аламова Х.Т. бо имзои раиси ҷаласа мудири кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ н.и.п., дотсент, Умаров У.С., эксперт, н.и.п., дотсенти кафедраи методикаи таълими физика Раҷабов У.Х. ва котиби ҷаласа ассистенти кафедраи методикаи таълими физика Назарова Ф.Н. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.т., профессор Ибодуллозода А.И. аз 22- юми сентябри соли 2025 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Аламова Хатичамо Туйбошиевна дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - комуникатсионӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика, таҳсилоти касбӣ), сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 18 интишороти илмӣ нашр намудааст, ки 17 адади он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 мақола ба нашр расонидааст.

1. ***Аламова, Х.*** Ташаккули салоҳиятнокии ТИК-и омӯзгорони оянда аз фанни физика [Матн] / Х. Аламова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022. – №1-4 (104). – С. 122-125. ISSN-2663-5534.

2. ***Аламова, Х.*** Истифода намудани ТИК ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ [Матн] / Х. Аламова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2022. – №4 (29). – С. 146-151. ISSN-2616-5260.

3. ***Аламова, Х.*** Шароитҳои педагогии истифодаи ТИК дар низоми таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Х. Аламова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. – №3 (44). – С. 141-145. ISSN-2222-9809.

4. ***Аламова Х.*** Баланд бардоштани самаранокии истифодаи ТИК дар раванди таълим [Матн] / Х. Аламова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон –2023,- № 6 – қисми 2- с 261–270. ISSN 2074-1847.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Аламова Хатичамо Туйбошиевна ворид шудаанд:

1. Назаров А.П. – д.и.п, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

2. Імматзода Л.М. – д.и.п., профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Ахмедзода З.П. – н.и.п., декани факултети муҳандисӣ-энергетикӣ ва сохтмони Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

4. Ваҳобова А.А. – н.и.п., мудири кафедраи забони русӣ ва таҳсилоти касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– баррасии салоҳиятнокии ТИК донишҷӯён ҳамчун ташкилаи сохторӣ, ки ҷузъҳои маърифатӣ, тамоюлӣ, амалиётӣ, маромӣ ва арзиширо дар бар мегиранд;

– озмоиш ва муайян намудани таъсири ҳамгирии иттилоотӣ-методӣ ба таълими фанни физика, динамикаи мусбати истифодаи методҳои ташаккули салоҳиятнокии ТИК донишҷӯён дар рафти омодасозии касбии мутахассисон, зарфиёти рушддиҳанда ва таълимии он;

– муайян ва тавсиф намудани дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии ТИК- и донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанни физика.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо он асоснок карда шудааст: натиҷаҳои таҳқиқотро дар ҷараёни омӯзиши ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии ТИК донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи

умумӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба шаҳр ва минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд: таҳлили сифатноки натиҷаҳои аз ҷамъбасти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада, кофӣ будани заминаи озмоишӣ, ки барои тавсифи сифатноки раванди сифатҳои ахлоқии донишҷӯён заруранд, мавқеъҳои методологии илми муосири психологӣ-педагогӣ ва фалсафӣ, истифодаи самараноки маҷмуи методҳо, ки ба предмет, объект, вазифаҳо ва ҳадафҳои таҳқиқот мувофиқанд ва татбиқ намудани тавсияҳои коркардшуда дар амалия.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзӯъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди додаҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷассум меёбад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 18- уми октябри соли 2025 оид ба сазовор донистани Аламова Ҳатичамо Туйбошиевна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** Сатторов А.Э.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** Ҳасанов Ш.Р.

“_18_”___10___ 2025

Ҷ.М.